# ВАЗИФАИ ТЕХНИКИИ МУТХАССИС ОИД БА РУШДИ ИҶТИМОӢ ВА ГЕНДЕР

## I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Ҳукумати Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) барои татбиқи лоиҳаи "Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва фарогирии иқтисодӣ" грант ба маблағи 37,5 миллион доллари амрикоӣ гирифт.

Ҳадафи лоиҳа дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи оилаҳои камбизоат ва осебпазир аз хавфҳо, мусоидат ба фарогирии иқтисодӣ ва такмили низоми ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША) яке аз ду муассисаи татбиққунандаи лоиҳа - якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

ВММША масъулияти умумӣ барои татбиқи ҳама чорабиниҳо дар доираи Қисмҳои 2 ва 4.2 лоиҳа, аз ҷумла ӯҳдадориҳои фидусиарӣ хоҳад дошт. Гуруҳи идоракунии лоиҳа (ГИЛ), ки дар дохили Вазорат таъсис дода мешавад, фаъолияти ҳаррӯзаи лоиҳаро пеш бурда, мусоидати техникӣ, молиявӣ ва харид, кафолатҳо ва равандҳои мониторинг ва арзёбии ду қисм (2 (2.1, 2.2, 2.3) ва 4 ( 4.2)) лоиҳаро ба уҳда мегирад.

## II. ҲАДАФИ ВАЗИФА

Мутахассиси ГИЛ оид ба рушди иҷтимоӣ ва гендер барои татбиқи таъсири иҷтимоӣ ва идоракунии хавфҳои лоиҳаи "Модернизатсияи ҳифзи иҷтимоӣ ва фарогирии иқтисодӣ" масъул буда, ба Менеҷери лоиҳа ҳисобот медиҳад. Ҳадаф аз ин таъинот таъмини ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи тадбирҳои идоракунии хатарҳои иҷтимоӣ, фикру мулоҳизаҳои шаҳрвандон ва ҷорӣ намудани механизмҳои баррасии шикоятҳо мутобиқи стандартҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар бораи экологӣ ва иҷтимоӣ, инчунин қонунгузории Тоҷикистон мебошад. Мутахассис оид ба рушди иҷтимоӣ дар ҳамкории зич бо Мутахассис оид ба ҳифзи муҳити зист барои назорати ҷанбаҳои иҷтимоӣ бо мақсади татбиқи EIP ва POM (Тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва Нақшаи идоракунии муҳити зист ва иҷтимоӣ), ки барои ҳар як зерлоиҳа омода карда мешаванд, масъул хоҳад буд.

## III. ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТ

Аз ин лиҳоз, мутахассис оид ба рушди иҷтимоӣ ва гендер барои фарогирии таъсири иҷтимоӣ ва идоракунии хавфҳои ГИЛ зарур аст. Мутахассиси мазкур

ҳамчун як қисми мутахассисони муваққатӣ фаъолият намуда, барои иҷрои вазифаҳои мушаххас дар доираи Қисмати 2 лоиҳа ҷалб гардидааст. Мутахассис оид ба рушди иҷтимоӣ ва муҳити зист ба Корманди робита бо ҷомеа дар татбиқи Нақшаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор мусоидат хоҳад кард.

**Вазифа ва уҳдадориҳои Мутахассис оид ба рушди иҷтимоӣ ва гендер**

- Мутобиқат намудани фаъолияти худ бо ҳуҷҷати экологӣ ва иҷтимоии Бонки Ҷаҳонӣ;
- Баррасӣ ва огоҳ будан аз тавсияҳои Бонки Ҷаҳонӣ;
- Таъмини риояи чаҳорчӯбаи муҳити зист ва иҷтимоии Бонки ҷаҳонӣ (ESF) ва Нақшаи ӯҳдадориҳои экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа (ESCP);
- Мусоидат ва дастгирӣ ба Менеҷери ГИЛ дар иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ, ки дар Созишномаи маблағгузории лоиҳа ва EIP инъикос ёфтааст;
- Идора кардани татбиқшавии ҷанбаҳои иҷтимоии EIP/POM, аз ҷумла санҷиши хатарҳои иҷтимоӣ ва пур кардани варақаҳои санҷишӣ барои ҳар як зерлоиҳа, ки дар доираи лоиҳаи мазкур амалӣ карда мешавад;
- Таҳияи маводи таълимӣ оид ба идоракунии хавфҳои иҷтимоӣ ва гузаронидани тренингҳо оид ба талабот ва ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ барои кормандони ГИЛ, ки дар лоиҳа ва баҳрабардорон мутобиқи стандартҳои иҷтимоӣ ва экологии Бонки Ҷаҳонӣ иштирок менамоянд;
- Дастгирии Мутахассис оид ба робитаҳо/равобит бо ҷомеа дар татбиқи фаъолиятҳои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор, ки дар СЕР муфассал инъикос гардидааст;
- Ҷорӣ намудани механизми баррасии шикоятҳо барои лоиҳа (GRM), назорати иҷрои онҳо ва таъмини кафолат ба шаҳрвандон, аз ҷумла гурӯҳҳое, ки метавонанд хориҷ карда шаванд, то тавонанд дар доираи васеи масъалаҳо фикру мулоҳизаҳои бемаҳдуд пешниҳод намоянд;
- Ҳамоҳангсозии амалишавии GRM дар ҳама сатҳ, нигоҳ доштани базаи маълумоти шикоятҳои мушаххаси лоиҳа ва ҳисобот оид ба рафти татбиқи GRM;
- Ташриф овардан дар ҳолати зарурӣ ба лоиҳа бо мақсади мониторинги татбиқи фаъолиятҳои лоиҳа, таъмини риояи ҳадафҳои лоиҳа ва муайян кардани хатарҳо ва имкониятҳои рушди иҷтимоӣ; ҳуҷҷатгузорӣ ва ба шикоятҳои воридшуда дар асоси ҳисоботҳои маҳаллӣ ҷавоб додан;
- Мониторинг ва гузориш додани ҳама гуна таъсироти иҷтимоӣ ва масъалаҳои идоракунии хавфҳо, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳа муайян шудаанд, аз ҷумла татбиқи EIP, SEP ва POM ва ба роҳбарияти лоиҳа барои ҳалли онҳо мувофиқи Стандартҳои Бонки Ҷаҳонӣ оид ба иҷтимоӣ ва экологӣ тавсияҳо пешниҳод намудан;
- Тибқи EIP ва POM, омода намудани маълумот ба ГИЛ оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои иҷтимоӣ барои ҳисоботи семоҳа барои пешниҳод ба Бонки Ҷаҳонӣ;

- Таҳия ва пешниҳод кардани гузоришҳо, посуххо, хулосаҳои сиёсӣ ва дигар иттилоот дар бораи таъсироти иҷтимоӣ ва идоракунии хавфҳо, аз ҷумла амалҳои ҷалби шаҳрвандон, татбиқи EIP ва механизмҳои шикоят.

Мухлати фаъолият як сол буда, 3 моҳ давраи озмоишӣ муқаррар карда мешавад. Пас аз ба охир расидани давраи озмоишӣ ба фаъолияти мутахассис мувофиқи вазифаи техникии мазкур ва қарори қабулшуда дар бораи тамдиди шартнома (то санаи анҷоми фаъолият) ё қатъ кардани он арзёбӣ карда мешавад.

## IV. ТАЛАБОТИ ҲИСОБОТӢ ВА МУҲОСИБОТӢ

Мутахассис оид ба рушди иҷтимоӣ ва гендер бевосита ба Ҳамоҳангсози лоиҳа ва Менеҷери лоиҳа ҳисобот медиҳад

## V. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

- Тањсилоти олї дар љомеашиносї, антропология, сиёсатшиносї, идоракунии давлатї ё соњаи марбут;
- Таҷрибаи на камтар аз 5 сол дар мониторинги иҷтимоӣ дар лоиҳаҳои рушд;
- Фаҳмиши стандартҳои иҷтимоию экологии Бонки Ҷаҳонӣ ва равандҳои рушди иҷтимоӣ, донистани қоидаҳо ва расмиёти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Таҷрибаи ҳамкорӣ бо ниҳодҳои иҷтимоии Тоҷикистон ва огоҳӣ аз фаъолияти онҳо, бахусус дар соҳаҳои ҷалби шаҳрвандон, ҳифзи иҷтимоӣ, фарогирии иҷтимоӣ, масъалаҳои гендерӣ ва нақши онҳо дар масъалаҳои идоракунӣ дар сатҳи марказӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ ва ҷамоат;
- Донистани хуби забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, аз ҷумла маҳорати навиштани гузориш; озодона бо забони англисӣ бартарият хоҳад буд;
- Малакаи компютерӣ, аз ҷумла нигоҳдории базаи маълумот, коркарди матни электронӣ ва таҳияи ҷадвалҳои электронӣ.

**Довталабон бастаи ҳуҷҷатҳои зеринро шахсан бояд пешниҳод намоянд:**

 Ариза барои қабули ҳуҷҷат ба номи Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- CV ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бояд маълумоти пурра дар бораи таҳсил ва таҷрибаи корӣ дошта бошад)
- Тавсияномаҳо бо қайди рақамҳои тамос аз шахсони тавсиякунанда
- Нусхаи диплом дар бораи маълумоти олӣ
- Нусхаи шаҳодатномаҳои таҳсилоти иловагӣ ё иштирок дар семинару тренингҳо
- Нусхаи шиноснома (ҷои бақайдгирӣ, ТИН)

Ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида бояд дар лифофаи пӯшида бо қайди вазифа ва номи номзад ба суроғаи зерин пешниҳод карда шаванд: ш. Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ 5/2, ба Раёсати ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба рақамҳои зерин тамос гиред: +992 37 250 32 34 ё почтаи электронӣ: info@mehnat.tj

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 21 сентябри соли 2023 то соати 16:00